Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014
назди ДДМИТ бо суроғаи ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14

### ***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи "Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.***

Рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кишвар аз соҳаҳои гуногун иборат аст, ки яке аз онҳо сармоягузорӣ мебошад. Коршиносони масоили иқтисодӣ бар он назаранд, ки рушди устувори иқтисодиёт аз бисёр ҷиҳат ба ҷараёни мусбати раванди сармоягузорӣ ва механизми молиявии он вобастагӣ дорад. Маврид ба зикр аст, ки яке аз мушкилоти асосии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои иҷтимои-иқтисодӣ ин маҳдуд будани сарчашмаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки онҳо мебошад. Механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо аз раванди идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятноки кишвар вижагиҳои хоси худро дорад, ки нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт фарқкунанда мебошанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар омӯзиш ва таҳлилу натиҷагирии механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо дар рушди иқтисодӣ, нақш ва идоракунии ҷараёнҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон дида баромада шуда, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ошкор, таъсири ин гузоришҳо ба самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар автореферати худ иброз медорад, ки ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон аз ҳисоби манбаҳои молиявии гуногун гузошта мешавад. Вобаста ба ин дисссертант дар кори илмӣ манбаҳои сармоягузориҳоро дар механизми дастгирии молиявии таъмини сармоягузории рушди

иқтисодии вилояти Хатлон чунин гурӯҳбандӣ намудааст:1) Манбаъҳои молиявӣ дар сатҳи вилоят (даромадҳои худӣ аз ҳисоби буҷети вилоят, воситаи фондҳои мақсадноки давлатӣ, воситаҳои махсуси муассисаҳои буҷетӣ, сармоягузории минтақавӣ, даромадҳо аз амалиёти асъорӣ ва савдои хориҷӣ); 2) Манбаъҳои молиявӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ (маблағгузорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои давлатӣ, сармоягузории давлатӣ, трансфертҳои буҷетӣ (дотатсия, субвенсия), қарзи давлатӣ, маблағгузорӣ аз фондҳои мақсадноки давлатӣ); 3)Манбаъҳои молиявӣ аз ҳисоби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (кумаки техникӣ ва грантҳо, сармоягузории хориҷӣ, қарзи давлатии хориҷӣ, бунёди корхонаҳои муштарак, кумаки фондҳои башардӯстона, қарзҳои маҳаллӣ).

Бо назардошти нуктаҳои зикргардида, қайд кардан зарур аст, ки мавзуи интихобгардида бо талаботи замони муосир мувофиқ буда, таҳқиқи он мубрам мебошад. Муҳим будани таҳқиқи мавзуи мазкур ба он асоснок карда шудааст, ки пешрафти иқтисодиёт дар маҷмуъ аз суботи молиявӣ ва иқтидори захиравии бонкҳо вобастагии зиёд дорад.

Ҳамзамон, дар таҳия, татбиқ ва коркардҳои анҷомдодашуда мазмуни автореферати диссертатсия ба матни он мувофиқ буда, моҳияти илмии ҷараёни таҳқиқотро бо назардошти таҳлилҳои ҳамаҷониба дар самти механизми молиявии таъмини сармоягузориҳо пурра инъикос менамояд.

Вобаста ба ҷиҳатҳои мусбии таҳқиқот гуфтан бамаврид аст, ки муваффақиятҳои унвонҷӯ дар таҳқиқоти анҷомгардида сершуморанд. Аммо, новобаста ба ин, аз нигоҳи мо, хуб мешуд агар унвонҷӯ дар таҳқиқоти мазкур ба масъалаҳои зерин аҳҳамият медод:

1. Муаллиф дар автореферати худ рӯйхати лоиҳаҳои сармоягузориро аз ҷониби бахши хусусӣ дар вилояти Хатлон (ҷадвали 6) таҳия кардааст, аммо таҳқиқ нагардидааст, ки бахши хусусӣ дар рушди сармоягузории вилоят чӣ аҳаммият дорад?

2. Бисёр бамаврид мебуд, агар дар боби сеюми таҳқиқот дар асоси сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ягон модели консептуалии такмили механизми молиявии таъмини сармоягузории рушди иқтисодӣ дар вилояти Хатлон таҳия карда мешуд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидаанд.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки автореферати диссертатсияи Раҳматов Умед Раҷабович дар мавзуи "Такмили механизми молиявии таъмини сармоягузориҳои рушди иқтисодӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" аз руйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**кафедраи андоз ва суғурта,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Зубайдов С.**

**Имзои д.и.и., Зубайдов С-ро тасдиқ мекунам.**
**Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус,**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ ½.**